# МАВҚЕЪ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ СЕРТАРКИБИ ТОБЕЪ ДАР РӮЗНОМАИ “ОВОЗИ ТОҶИК”

# ЭРГАШИШ ЙЎЛИ БИЛАН ТУЗИЛГАН МУРАККАБ ҚЎШМА ГАПЛАРНИНГ “ОВОЗИ ТОЖИК” ГАЗЕТАСИДАГИ ЎРНИ ВА ХУСУСИЯТЛАРИ

**Абдуллоев Зикрилло Зубайдуллозода**[1]
[1] **Абдуллоев Зикрилло Зубайдуллозода**
*хатмкунандаи факултаи Филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов*
*E-mail:zikrulloizubaydullo001@gmail.com*
*Тел.: (+998) 90-716-94-01*

**Аннотатсия.** *Дар Ӯзбекистони Нав матбуоти маҳаллӣ ҷойгоҳи хос барои интишор ва интиқоли навгониву хабарҳои тоза дорад. Бахусус, барои сокинони ҷумҳурӣ, ки бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд, матбуоти тоҷикӣ, аз ҷумла рӯзномаи ҷумҳуриявии “Овози тоҷик” мавқеи хоса дорад. Ҷумла бошад ҳамчун як воҳиди асосии нутқ барои ифодаи фикр нақши калидиро мебозад. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ низ барои ибрози андешаи мураккаб ва муфассал, инчунин, баҳри пурра ифода намудани мақсад, батафсил расонидани хабару навгониҳои рӯзмарра, таҳлили воқеаву ҳодисаҳое, ки барои мардум муҳим аст, ҳамчун як воситаи самарабахш хидмат мекунад.*

*Мо дар ин мақола кӯшиш кардем, ки мавқеъ ва хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъро ҳам аз нигоҳи хонанда ва ҳам аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ намоем.*

**Калидвожаҳо:** *ҷумла, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи мураккаби сертаркиб, пайвандак, интонатсия, матбуот, рӯзнома, “Овози тоҷик”, тобеъ.*

**Annotatsiya.** *Yangi O‘zbekistonda mahalliy matbuot yangiliklar va xabarlarni tarqatish hamda yoritishda o‘ziga xos o‘ringa ega. Xususan, tojik tilida so‘zlashuvchi respublika aholisi uchun tojik tilidagi matbuot, jumladan, “Ovozi tojik” – respublika gazetasi alohida o‘rin tutadi.*

*Gap fikrni ifoda etishda nutqning asosiy birligi sifatida muhim ahamiyatga ega. Ergashish yo‘li bilan tuzilgan murakkab qo‘shma gaplar esa murakkab va batafsil fikrni ifoda etishda, shuningdek, kundalik yangiliklar va xabarlarni to‘liq yetkazishda, odamlar uchun ahamiyatli voqea va hodisalarni tahlil qilishda samarali vosita bo‘lib xizmat qiladi.*

*Mazkur maqolada biz ergashish yo‘li bilan tuzilgan murakkab qo‘shma gaplarni o‘rni va xususiyatlarini ham o‘quvchi nuqtai nazaridan, ham ilmiy jihatdan tahlil qilib, ko‘rib chiqishga harakat qildik.*

**Kalit so‘zlar:** *Gap, qo’shma gap, murakkab qo’shma gap, intonatsiya, matbuot, gazeta, “Ovozi tojik”, tobe’.*

## САРСУХАН

Рӯзномаи ҷумҳуриявии “Овози тоҷик” на танҳо бо ғановати маводи худ, яъне бой будани мазмун, балки бо сабку услуби хосаи хеш низ дар ҷумҳурӣ мавқеи баланд дорад. Дар он аз ҳамаи намуди ҷумла – ҷумлаҳои содда, мураккаб ва навъҳои онҳо, инчунин ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва навъҳои он фаровон истифода мебаранд. Мо дар мақолаи мазкур кӯшиш крдем, ки мавқеъ ва хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ ва се навъи он – ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида, ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида ва ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ ҷумлаҳои пайрави дараҷа муайян кунем.

## МЕТОДҲО

Барои дарк кардани мавзӯъ аз методи нигоҳи назарӣ ба мавзӯъ истифода кардем. Барои таҳлили аз рӯзномаи “Овози тоҷик” мавод ҷамъ оварда, хусусиятҳои онҳоро тариқ методи таҳлил таҳлили синтаксисӣ намудем.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб се ва зиёда ҷумлаҳоро дар бар мегирад. Яъне дар онҳо ҳадди ақал бояд се ҷумлаи содда бошад. Аммо миқдори ниҳоии он теъдоди муайян надорад. Чӣ қадар зиёд истифода бурдани миқдори ҷумлаҳои содда ба иқтидор ва ҳунари офарандаи ҷумлаҳо вобаста аст.

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб аз рӯйи тарзи робитаи қисмҳои ҷузъии худ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

**Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб** – ки дар онҳо ҷумлаҳои содда ба таври ҳамрадиф ва мустақил бо ҳам робита доранд;

**Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб** – ки дар онҳо як ҷумлаи асосӣ ва як ё якчанд ҷумлаи тобеъ вуҷуд доранд ва тобеият ифодаи иртиботро таъмин мекунад;

**Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби омехта** – ки дар онҳо ҳам робитаҳои пайваст ва ҳам робитаҳои тобеъ мавҷуданд ва ин гуна ҷумлаҳо сохтмони ниҳоят мураккаб доранд.

**Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва навъҳои он**

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҷумлаҳое мебошанд, ки дар онҳо се ё зиёда ҷумлаҳои содда ба таври алоқаманд дар вазифаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав меоянд. Ин гуна ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ барои ифодаи фикрҳои мураккаб ва пурмазмун васеъ истифода мешаванд. Сохтори ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ба таври махсус таҳия шуда, дар баробари пайвандакҳо ва воситаҳои грамматикӣ, робитаи маъноӣ ва тобеиятро низ дар бар мегирад.

Оиди ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар китобҳои гуногун қоидаҳои мухталиф омадааст, ки бархе аз онҳоро инҷо оварда бо ҳам муқоиса мекунем ва ба таври хулоса қоидаи умумӣ мебарорем.

Дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб Б.Камолиддинов дар асари худ "Наҳви забони тоҷикӣ" чунин мегӯяд: "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъро, ки танҳо аз як сарҷумлаю як ҷумлаи пайрав сохта шуда бошанд, камтаркиб, аз се зиёда ҷузъҳоро дар бар гирифта бошанд, сертаркиб шуморидан мумкин аст. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб то ҳашт ҷузъ ва шояд аз он ҳам зиёдтарро дар бар гиранд, вале дар ин сурат муносибати маъноии ҷузъҳо хеле гуногун ва мураккабу мушкилфаҳм мегардад"[14] Аз ин ҷо бармеояд, ки миқдори ҷумлаҳои пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҳатто аз ҳашт ҳам зиёд шуда метавонад. Яъне мруаккабтарин ва пурпечутобтарин қисмати забоншиносӣ ҳамин қисмат аст ва ҷумлаҳои тӯлонитарин низ маҳз дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва навъҳои он офарида мешавад. Дар китоби дарсии синфи IX мактабҳои миёна чунин оварда шудааст: "Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва зиёда ҷумлаи содда тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтаанд, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб номида мешавад".[15]

Инчунин дар китоби "Грамматикаи забони тоҷикӣ. (Нашри академикӣ)" чунин омадааст: "Ҷумлаҳои мураккаби тобеии сертаркиб мувофиқи муносибат ва алоқаи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд:
– ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави онҳо ба як ҷумла;
– ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайравашон силсилавор яке ба дигаре тобеъ мебошанд.

Ҷумлаҳои пайраве, ки бар изоҳи як ҷумла меоянд, аз ҷиҳати мансубияташон ба навъҳои ҷумлаи пайрав якхелаву ҳархела ва аз ҷиҳати вазифа ва тарзи алоқа чидаву ғайричида мешаванд. Ҷумлаҳои пайрави якхела чида ва ғайричида, ҷумлаҳои пайрави ҳархела танҳо ғайричида мешаванд."[16]

---

[14] ??????????????????????????????????????
[15] М. Кабиров, Ф. Исомиддинов, А. Зоҳидов. Забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9-уми мактабҳои миёна) – Тошканд: Ӯзбекистон, 2019, саҳ.66
[16] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 3 – Душанбе: Дониш, 1989

Гарчанд ҳар ду навъ ба як шакли ҷумлаҳои пайрав тааллуқ доранд ва метавонанд ба як савол ҷавоб диҳанд, миёни онҳо тафовутҳои назаррас мавҷуданд. Ҳар ду навъи ҷумла бо сарҷумла тавассути воситаҳои грамматикии муштарак пайваст мешаванд.

Бо вуҷуди ин, ҷумлаҳои пайрави чида аз ҷумлаҳои ғайричида бо он фарқ мекунанд, ки миёни онҳо робитаи маъноиву грамматикӣ вуҷуд дорад. Ҷумлаҳои пайрави ғайричида, баръакси чидаҳо, якдигарро шарҳ намедиҳанд ва ба аъзои гуногуни сарҷумла дахл доранд. Илова бар ин, на ҳамаи ҷумлаҳои пайрави якхела ба як савол посух медиҳанд ва ҷумлаҳои ғайричида метавонанд бо пайвандакҳои ивазнашаванда ҳам истифода шаванд.

Ҷумлаҳои пайрави якхелаи ғайричида ба ҷумлаҳои пайрави ҳархелае, ки ба як сарҷумла вобаста мешаванд, шабоҳат доранд ва дар муқоиса бо ҷумлаҳои пайрави чида фарқ мекунанд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки дар онҳо ҷумлаҳои пайрав ба ҷумлаҳои гуногун тобеъанд, ҳамчун ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа маъруфанд. Ин номгузорӣ ба он вобаста аст, ки сохтори тобеият дар чунин ҷумлаҳо характери дараҷавӣ дорад.

**ТАҲЛИЛ**

**Ҷумлаи мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида**

Хуб медонам, ки дар ин роҳ шумо бо озмоишҳои мухталиф ва мушкилот, шубҳаву нобоварӣ, эҳсосоти дохилӣ ва нигарониҳо дучор гардидед, шабҳоро бехоб пушти сар намудед. ("Овози тоҷик" соли 2024, № 73-74)

Ҷумлаи болоӣ ҷумлаи мураккаби сертаркиб буда, ба навъи ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида тааллуқ дорад. Ин банди наҳвӣ аз 3 ҷумлаи содда таркиб ёфтааст ва аз як сарҷумлаву ду ҷумлаи пайрав, ки чида шуда омадаанд иборат аст.

Ҷумлаи “**Хуб медонам...”** – сарҷумла буда, ҷумлаҳои “**дар ин роҳ шумо бо озмоишҳои мухталиф ва мушкилот, шубҳаву нобоварӣ, эҳсосоти дохилӣ ва нигарониҳо дучор гардидед**,” ва “**шабҳоро бехоб пушти сар намудед**.” – ҷумлаҳои пайрав, ҷумлаҳои пайрави пуркунанда буда, ба саволи “чиро медонам” ҷавоб мешаванд ва хабари сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Ҷумлаҳои пайрав байни ҳам бо интонатсия алоқаманд гардида,, ба сарҷумла тавассути пайвандаки тобеъкунандаи универсиалии “ки” тобеъ шуда омадааст.

Таҳлили ҷумлаи болоиро ба таври зер метавон дар шакли схема нишон дод:




**Ҷумлаи мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида**

Агар ба номгӯйи таронаҳои Аҳмад Зоҳир таваҷҷӯҳ намоем , худ аз худ маълум мегардад, ки ҳофиз ғазалҳои тоҷикиро басо донишмандона интихоб кардааст. ("Овози тоҷик", соли 2024, №28)

Ҷумлаи болоӣ ҷумлаи мураккаби сертаркиб буда, ба навъи ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида тааллуқ дорад. Ин банди наҳвӣ аз 3 ҷумлаи содда таркиб ёфтааст ва аз як сарҷумлаву ду ҷумлаи пайрав, ки чида шуда омадаанд, иборат аст.

Ҷумлаи “худ аз худ маълум мегардад...” – сарҷумла буда, ҷумлаи “агар ба номгӯйи таронаҳои Аҳмад Зоҳир таваҷҷӯҳ намоем...” ҷумлаи пайрав, ҷумлаи пайрави шарт буда, тавассути пайвандаки тобеъкунандаи “агар” ба сарҷумла тобеъ шуда омадаанд. Ҷумлаи “ҳофиз ғазалҳои тоҷикиро басо донишмандона интихоб кардааст”, низ ҷумлаи пайрав, ҷумлаи пайрави мубтадо буда, пас аз сарҷумла воқеъ гардида аст.

Таҳлили ҷумлаи болоиро ба таври зер метавон дар шакли схема нишон дод:




**Ҷумлаи мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ғайриҷида**

Ҳама шоҳидем, ки соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои мо саҳифаи нав боз шуд, ки дар таърихномаҳо бо хати заррин сабт хоҳад ёфт. ("Овози тоҷик" соли 2024, №28)

Ҷумлаи болоӣ ҷумлаи мураккаби сертаркиб буда, ба навъи ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа тааллуқ дорад. Ин банди наҳвӣ аз 3 ҷумлаи содда таркиб ёфтааст.

Ҷумлаи "Ҳама шоҳидем" сарҷумла мебошад. Ҷумлаи "соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои мо саҳифаи нав боз шуд," – нисбат ба ҷумлаи якум ҷумлаи пайрав, ҷумлаи пайрави пуркунанда буда, ба саволи "ба чӣ шоҳидем?" ҷавоб мешавад ва эзоҳ медиҳад ва нисбат ба ҷумлаи сеюм хусусияти сарҷумлагӣ дорад, яъне ҷумлаи сеюм ин ҷумларо эзоҳ медиҳад.

Ҷумлаи "дар таърихномаҳо бо хати заррин сабт хоҳад ёфт" бошад, ҷумлаи пайрав, ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад ва ба саволи "кадом саҳифа?" ҷавоб мешавад.

Ҷумлаи мазкурро ҳамчун схема ба таври зер метавон ифода кард:




**Хулоса**

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар матбуоти тоҷикӣ, махсусан дар рӯзномаи «Овози тоҷик», мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва мо кӯшиш намудем, ки мавқеи онро дар рӯзномаҳо муайян намуда, хусусият ва вижагиҳояшро дақиқтар маълум созем. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб яке аз сохторҳои муҳим ва серистифода дар забони адабии тоҷикӣ ба шумор меравaнд. Онҳо бо имконияти васеи худ барои ифодаи фикрҳои мураккаб, андешаҳои серпаҳлӯ ва робитаҳои мантиқӣ дар як воҳиди грамматикӣ хидмат мекунанд. Дар мақолаи мазкур, мо на танҳо ба таҳқиқи назариявии ин ҷумлаҳо таваҷҷӯҳ кардем, балки истифодаи онҳоро дар забони матбуотӣ низ омӯхтем.

Тавре тавассути таҳлили намунаҳо аз рӯзномаи “Овози тоҷик” омӯхтем, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида ва дараҷа нисбатан бештар, аммо ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби тобеъ бо ҷумлаҳои парави ғайричида нисбатан камтар истифода гардидааст.

Тадқиқи мо доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар рӯзномаи «Овози

тоҷик», имконият фароҳам овард, ки хусусиятҳои грамматикӣ, услубӣ ва функсионалии ин навъи конструксияҳо дар муҳити забони матбуотӣ ба таври амиқ ва ҳаматарафа таҳлил карда шаванд. Дар давоми таҳлил муайян гардид, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб мисли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва навъҳои он дар забони матбуоти тоҷик ба таври васеъ ва фаровон истифода намешаванд, аммо наметавон гуфт, ки мавқеи онҳо ночиз ва камаҳамият аст. Баръакс, чунин ҷумлаҳо, новобаста аз сохтори мураккаб ва таркиби сершохаи худ, дар бисёр ҳолатҳо барои ифодаи равшану комили фикр, муаррифии муносибатҳои мураккаби мантиқӣ ва услубии байни порчаҳои нутқ нақши муҳим мебозанд.

## ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ

1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. – Душанбе, 2006.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. – Душанбе, 1985.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 1985.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1984.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 1. – Душанбе, 1973.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. Синтаксис. – Душанбе, 1970.
9. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. Синтаксис. – Душанбе, 1984.
10. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Нашри аввал. – Душанбе: Собириён, 2010. – 260 с.
11. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Наҳв. – Душанбе: Маориф, 1992.
12. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1968.
13. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ – Душанбе: Маориф, 1995, 176 с.
14. Саидова С. Синтаксис – яке аз қисматҳои муҳими забоншиносӣ (Воситаи таълимӣ). Тирмиз, 2024.

15. Сайфуллаева Р. Ҳозирги ўзбек адабий тилида гап бўлакларининг семантикаси ва грамматикаси. – Тошкент: Фан, 2000.
16. Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба. – Душанбе, 1966.
17. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1981.
18. Ш. Рустамов. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1988.

**РӮЗНОМАҲО**

19. «Овози тоҷик», №28
20. «Овози тоҷик», №73–74

**СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ**

21. https://tg.wikipedia.org
22. https://ziyonet.uz/ru
23. https://khirad.tj
24. https://donishju.net
25. https://imlo.uz
26. https://mykitob.uz